# ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2018

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 марти соли 2018 дар маҷмуъ 83 ташкилоти қарзӣ, 21 ташкилоти суғуртавӣ, 11 ташкилоти лизингӣ, 16 ломбард, Биржаи фондии Осиёи Марказӣ, Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фонди дастгирии соҳибкорӣ) ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият менамоянд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ ба санаи ҳисоботӣ дар маҷмуъ 21,4 млрд. сомониро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2017 ба маблағи 594 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Афзоиши дороиҳои низоми молиявӣ аз ҳисоби зиёд шудани дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ, ташкилотҳои лизингӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва Фонди дастгирии соҳибкорӣ ба миён омадааст. Нишондиҳандаи дороиҳои низоми молиявӣ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра ба 34,0 фоиз баробар гардид.

Дар сохтори низоми молиявии кишвар низоми бонкӣ ҳиссаи назаррас дошта, дар ҷамъбасти семоҳаи якуми соли 2018 дороиҳои он 96,4 фоизи дороиҳои умумии низоми молиявиро ташкил намуд. Танҳо 1,5 фоизи дороиҳои низоми молиявӣ ба ташкилотҳои суғуртавӣ, 1,1 фоизи он ба ташкилотҳои лизингӣ ва 1,0 фоиз ба Фонди дастгирии соҳибкорӣ рост меояд.

***Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| | 31.03.2017 | | | 31.03.2018 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Шумора** | **дороиҳо (млн. сомонӣ)** | **(% аз ҷамъ)** | **Шумора** | **дороиҳо (млн. сомонӣ)** | **(% аз ҷамъ)** | **Афзоиши дороиҳо (%)** |
| **Ташкилотҳои қарзӣ** | **102** | **20 147** | ***96,9*** | **83** | **20 617** | ***96,4*** | **2,3** |
| ***Бонкҳо*** | ***16*** | ***17 447*** | ***83,9*** | ***17*** | ***17 785*** | ***83,2*** | ***1,9*** |
| *Бонкҳои давлатӣ* | *3* | *9 400* | *45,2* | *3* | *9 474* | *44,3* | *0,8* |
| *Бонкҳои хориҷӣ* | *6* | *1 846* | *8,9* | *6* | *1 881* | *8,8* | *1,9* |
| *Бонкҳои дигар* | *7* | *6 200* | *29,8* | *8* | *6 430* | *30,1* | *3,7* |
| ***Ташкилотҳои маблағгузории хурд*** | ***86*** | ***2 700*** | ***13,0*** | ***66*** | ***2 832*** | ***13,2*** | ***4,9*** |
| *Ташкилотҳои амонатӣ қарзии хурд* | *38* | *2 323* | *11,2* | *27* | *2 407* | *11,3* | *3,6* |
| *Ташкилотҳои қарзии хурд* | *14* | *199* | *1,0* | *7* | *175* | *0,8* | *-12,3* |
| *Фондҳои қарзии хурд* | *34* | *178* | *0,9* | *32* | *250* | *1,2* | *40,7* |
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **18** | **311** | **1,5** | **21** | **316** | **1,5** | **1,4** |
| **Ташкилотҳои лизингӣ** | **11** | **184** | **0,9** | **7** | **225** | **1,1** | **22,6** |
| **Ташкилотҳои ломбардӣ** | **16** | | | **16** | | | |
| **Биржа** | **1** | | | **1** | | | |
| **Фонди дастгирии соҳибкорӣ** | **1** | **144** | **0,7** | **1** | **220** | **1,0** | **53,6** |
| **АСИН** | **1** | | | **1** | | | |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***150*** | ***20 785*** | **100** | ***130*** | ***21 379*** | **100** | ***2,9*** |

Низоми бонкии кишвар ба ду гурӯҳи ташкилотҳои қарзӣ тақсим шуда, бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурдро (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд) дар бар мегирад. Дар давраи ҳисоботӣ дороиҳои низоми бонкӣ нисбат ба семоҳаи якуми соли қаблӣ 2,3 фоиз афзоиш ёфта, ба 20 617 млн. сомонӣ баробар гардид.

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, бинобар зиёд шудани шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ, ба андозаи 1,4 фоиз афзоиш ёфта, ба 316 млн. сомонӣ баробар гардид.

Дар ин давра дороиҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ 220 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 53,6 фоиз зиёд мебошад. Бояд қайд намуд, ки ҳамасола барои пурра намудани сармояи оинномавии Фонди мазкур аз рӯи имкониятҳои буҷети давлатӣ маблағи муайян ҷудо карда мешавад, ки он барои дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ равона мегардад.

Баҳри анҷом додани хариду фурӯши коғазҳои қиматнок, моҳи апрели соли 2015 бори нахуст дар Тоҷикистон Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ташкил карда шуд.

Вобаста ба ғайрифаъол будани Биржаи фондии Осиёи Марказӣ, ташкилотҳои лизингӣ ва ломбардҳо дар иқтисодиёт ва таҳти назорати Бонки миллии Тоҷикистон қарор надоштани ин бахшҳо, маълумоти муфассал оид ба фаъолияти онҳо дастрас нагардид. Дар баробари ин, гузаронидани таҳлил оид ба фаъолияти АСИН низ, бинобар дастрас набудани маълумот ғайриимкон буд.